**Суратҷаласаи №3**
шурои диссертатсионии 6D.КОА-038

аз «03» феврали 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2024 сол таҳти №318/шд тасдиқ шудааст 12-нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравад. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Ҷумъабой Зарифӣ дар мавзуи: «Биоморфология ва таркиби сенопопулиятисияи Inula macrophylla Kar.et Kir. дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника барои таъин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, академика АМИТ д.и.б., профессор Якубова М.М. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Ҷумъабой Зарифӣ ба шурои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ н.и.б., дотсент Ҳамидзода Х.Н. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Ҷумъабой Зарифӣ автореферат (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи “Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267” тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника Ҷумъабой Зарифӣ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро ба шуро пешниҳод намудааст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхис ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҷумъабой Зарифӣ дар мавзуи: «Биоморфология ва таркиби сенопопулиятисияи Inula macrophylla Kar.et Kir. дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ» барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника барои ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- доктори илмҳои биологӣ., профессор узви шуро Наврузшоев Д. – раиси комиссияи ташхис;
- доктори илмҳои биологӣ., профессор узви шуро Мирзораҳимзода А.К. – узви комиссия ташхис;
- номзади илмҳои биологӣ Холова Ш.С. – узви комиссияи ташхис.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор – 12 нафар, зид, бетараф – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.б., профессор, академики АМИТ Якубова М.М.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.б., дотсент Ҳамидзода Х.Н.